**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 037-И НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**дар бораи диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ)**

**Парвандаи аттестатсионии №10-ум**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22-юми феврали соли 2023-юм**

дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ)

Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Диссертант Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна, соли таваллудаш 1992-юм, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014-ум шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро бо дипломи аълои дараҷаи бакалавр, ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 2014-2016-ум дар бахши магистратураи Донишгоҳи мазкур таҳсил намуда, соҳиби дипломи аълои дараҷаи магистрӣ гардидааст.

Солҳои 2016-2019-ум ҳамчун докторант (PhD) дар кафедраи адабиёти классикии тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» кори диссертатсиониашро ба анҷом расонидааст.

Солҳои 2010-2011-ум ба ҳайси коргузор ва солҳои 2012-2017-ум ҳамчун омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ №80-уми ҷамоати деҳоти Хиставарз, баъдан дар гимназияи давлатии №1-уми ба номи А.Нозирови ноҳияи Б.Ғафуров фаъолият намудааст. Аз 1-уми августи соли 2022-юм ба ҳайси сармутахассис дар Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» фаъолият дорад.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (аз 1-уми феврали соли 2023-юм) Нуров Нуралӣ Норович мебошад.

**Муқарризони расмӣ: Низомӣ Мухриддин Зайниддин** – доктори илми филология, профессор, ректори МДТ-и "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода".

**Охунҷонова Нурихон Раҳматовна** – номзади илми филология, директори нашриёти «Дабир»-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – кафедраи назария ва таърихи адабиёти МДТ-и «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» мебошад. Дар тақризи пешниҳоднамудаи ин муассиса, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, доктори илми филология Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович, ташхисгар доктори илми филология, профессори ҳамин кафедра Худойдодов Аъзам Овлододоевич ва котиби ҷаласа номзади илми филология, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Таҳқиқу баррасии муҳимтарин вежагиҳои ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд, вазъи адабӣ, анъанаҳои шеъри классикии тоҷикӣ ва ҷойгоҳи шуарои ин аҳд дар рушди шеъри тоҷикии нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX аз мавзуъҳои навину баррасинагардидаи адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Дар диссертатсия мавзуи зикршудаи пажуҳиши илмӣ мутобиқ ба талабот таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ моҳияти мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот ва масъалаҳои матраҳшударо дуруст дарк намуда, дар асоси усулу равишҳои шарҳу таҳлили матн, омориву тавсифӣ, муқоисавӣ-таърихӣ омӯзиш ва баррасии онро ба таври илмӣ арзёбӣ кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса, рӯйхати осори таҳқиқӣ ва номгӯйи мақолаҳои муаллиф иборат аст.

Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» таҳқиқоти анҷомёфта буда, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) арзанда мебошад.

Дар қисмати татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд, ки ҳамагӣ фарогири мавзуъ ва муҳтавои асосии диссертатсия мебошанд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### А) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М].** Ҳомидова Ш. Баррасии хусусиятҳои ашъори занони суханвари ҳавзаи адабии Хуҷанд дар асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / Ш.Ҳомидова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ / ISSN 2413-2004. – Хуҷанд, 2018. - №3 (76). – С.68-77.

**[2-М].** Ҳомидова Ш. Баъзе мулоҳизаҳо роҷеъ ба матншиносии мухаммаси Зоири Хуҷандӣ бар ғазали Бедил [Матн] / Ш.Ҳомидова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ / ISSN 2413-2004. – Хуҷанд, 2019. - №2 (79). – С.47-57.

**[3-М].** Ҳомидова Ш. Муштаракоти адабии Шамсиддин Шоҳин ва Тошхоҷа Асирӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN 2219-5408. – Душанбе, 2019. - №6 (83). – С.123-127.

[4-М]. Homidova Sh. Nozil Khujandi and the Development of Irsoli Masal Rubai in the Literature Referring to the XIX-th Century [Text] / Sh. Homidova // Scientific Notes / ISSN 2077-4990. – Khujand: Nuri Ma· rifat, 2020. -№3 (64). – PP.114-120.

**Б) мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

**[5-М].** Ҳомидова Ш. Мазмун ва мундаричаи ғазалиёти Файёзи Хуҷандӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Дин ва ҷомеа (Маҷаллаи динӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ). – Душанбе, 2016. – С.42-44.

**[6-М].** Ҳомидова Ш. Истиқболи Файёзи Хуҷандӣ аз Ҳофизи Шерозӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Камоли одамӣ (Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 50-солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мироватов М.С.). – Хуҷанд: Меъроҷ, 2016. –С.430-434.

**[7-М].** Ҳомидова Ш. Саҳми устод Садриддин Айнӣ дар омӯзиши мероси адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] / Ш.Ҳомидова // Маҷмуаи мақолот (Маводи ҳамоиши байналмилалии «Устод Садриддин Айнӣ поягузори адабиёти реалистии халқҳои Осиёи Марказӣ»). – Душанбе, 2018. – С.259-266.

**[8-М].** Ҳомидова Ш. Мақоми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] / Ш.Ҳомидова // Маҷмуаи мақолот (Маводи ҳамоиши ҷумҳуриявии «Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик»). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018 – С. 442-448.

**[9-М].** Ҳомидова Ш. Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Файёзи Хуҷандӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Раҳоварди олимони ҷавон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019 – С.232-238.

**[10-М].** Ҳомидова Ш. Мавзуъ ва муҳтавои жанри ғазал дар адабиёти асрҳои XVIII ва XIX ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] / Ш.Ҳомидова // Суханшиноси ҷавон. Маҷмуаи мақолаҳои илмии устодон, унвонҷӯён ва аспирантони ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С.227-240.

**[11-М].** Ҳомидова Ш. Таъсири мактаби адабии Шайх Камол ба шуарои асрҳои XVIII ва XIX-и ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] / Ш.Ҳомидова // Маҷмуаи мақолот (Маводи ҳамоиши ҷумҳуриявӣ бахшида ба 700-солагии Камоли Хуҷандӣ «Ёдкарди Камол»). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – С.572-585.

**[12-М].** Ҳомидова Ш. Таҳаввули жанри рубоӣ дар ашъори Нозили Хуҷандӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд, 2021 -№2 (26). – С.116-124.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Тақриз ба фишурдаи рисолаи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна аз ҷониби доктори илми филология, мушовири вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон **Алидод Расулзода** ирсол шудааст, ки дар он таҳқиқоти муаллиф кори илмии мусбат ва баанҷомрасида зикр гардида, баробари ин, муқарриз камбудиҳои зеринро ишора намудааст: 1. Агар дар муқаддима унвонҷӯ навгониҳои таҳқиқотро мушаххасан тавассути рақамгузорӣ ишора менамуд, беҳтар буд. 2. Дар автореферат хатоҳои имлоиву техникӣ ҷой доранд.

2. Тақриз ба автореферати диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна аз тарафи доктори илми филология, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматович** навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз баробари муваффақияту дастовардҳо дар тақриз баъзе камбудиҳоро зикр мекунад. Аз ҷумла, дар боби аввали диссертатсия ҳангоми баррасии сарчашмаҳои омӯзиш муайян намудани шумораи шоирони соҳибдевон, ҳамчунин, рӯй овардан ба вазъи адабии Хуҷанд дар қуруни қаблӣ ва равобити адабии он бо дигар ҳавзаҳои адабиро, ки қимати илмии диссертатсияро боз ҳам боло мебардорад, тавсия намудааст.

3.Тақриз ба автореферати диссертатсия аз ҷониби доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ **Юсуфов Умриддин Абдуқофиевич** навишта шудааст. Муқарриз бо баробари зикри муҳассаноти кор ба содир гардидани баъзе ғалатҳои имлоиву услубӣ ва китобатӣ ишора кардааст. Аз ҷумла, ба шакли ғалат овардани номи маснавии Файёзи Хуҷандӣ «Хоб дидани Файёз Фирдавсиро» (дар гунаи ғалат: «Хоб дидани Файёз Фирдавсӣ»-ро саҳ. 15) ишора намуда, дар маҷмуъ, кори муҳаққиқро хуб арзёбӣ намудааст.

4. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз тарафи номзади илми филология, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии МДТ-и "Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур" **Ҷурғосиев Мулоаҳмадшо Ҷурғосоевич** навишта шудааст, ки дар он пажуҳиши унвонҷӯ кори илмии анҷомёфта арзёбӣ гардида, баҳои мусбат дода шудааст. Муқарриз сарфи назар аз комёбиҳо ба баъзе иштибоҳи унвонҷӯ ишора кардааст: «1. Баъзе аз ҷумлаҳо тулонӣ ба назар мерасанд. Агар андешаҳо дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ ифода мешуд, беҳтар буд. 2. Дар қисмати русии автореферат гоҳе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, аз ҷумла, исми шоир Мунирхон Муинзодаи Хуҷандӣ, ки борҳо дар автореферат зикр шудааст, як маротиба (саҳ. 9 – қисмати русӣ) ба шакли Мунирхон Мунирзодаи Хуҷандӣ зикр шудааст».

Муқарризони ғайрирасмӣ аҳаммияти зиёди назариявию амалӣ доштани пажуҳишро таъкид карда, баробари он баъзе нуқсони ҷузъиро ишора кардаанд, ки онҳо ислоҳшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Муқарризон баҳри болоравии сатҳи пажуҳиш пешниҳодҳои мушаххас тавсия намудаанд.

**Муқарризони расмӣ** ва **муассисаи тақриздиҳанда** мутахассисони намоёни соҳаи адабиётшиносӣ ба шумор рафта, дар ин самти таҳқиқот асару мақолоти фаровоне ба табъ расонидаанд, ки мазмуну муҳтавои пажуҳиши илмии эшон ба мундариҷаи диссертатсияи баррасишаванда иртибот доранд.

**Муассисаи тақриздиҳанд**а яке аз марказҳои бонуфузи ҷумҳурӣ буда, мутахассисони он дар таҳқиқи масоили мухталифи адабиётшиносӣ ва таълиму тадриси масъалаҳои мубраму муҳимми он машҳур маҳсуб меёбанд.

Шурои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки унвонҷӯ дар диссертатсия хусусиятҳои ашъори намояндагони ҳавзаи адабии Хуҷанд, вазъи адабӣ, таҳаввули жанрҳои адабӣ, сабку услуб, тарзи баён, пайравӣ ва татаббуъ, поэтикаи ашъор ва корбурди воситаҳои тасвирро дар осори суханварони

Хуҷанд дар давраи таҳқиқ ба таври назаррас бо овардани далелу намунаҳои шеърӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Муаллифи диссертатсия масъалаҳои заруриро ба бобу фаслҳо ҷудо карда кӯшидааст, ки дар масири таърихи рушди адабиёти давр мақоми суханварони Хуҷанд ва осори онҳоро нишон диҳад.

Гарчанде дар муаррифӣ ва шинохти намояндагони ҷудогонаи ҳавзаи адабии Хуҷанд корҳои арзишманд рӯйи кор омадаанд, аммо ба таври умумӣ ва муштарак ҳанӯз таҳқиқоте ба анҷом нарасидааст ва кори анҷомдодаи унвонҷӯ таҳқиқоти нахустин дар ин ҷода буда, муҳаққиқ аз вазифаҳои дар наздаш гузошта ба хубӣ баромадааст. Ба муаллифи рисола муяссар гардидааст, ки умумиятҳои мавзуӣ ва жанриву сабкии шоирони мавриди таҳқиқро баррасӣ намуда, хулосаҳои илмӣ барорад. Диссертант бо мисолҳо собит намудааст, ки шуарои Хуҷанд дар ташаккул, таҳаввул ва рушди адабиёти давр баробари шуарои ҳавзаҳои дигар бо эҷоди анвои гуногуни шеърӣ саҳми арзанда гузошта, новобаста ба макони зист нисбаи «хуҷандӣ» ва суннатҳои хоси адабии даврро нигоҳ доштаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки дар рисола масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, аз ҷумла, поэтикаи ашъори шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд, анъанаҳои шеъри классикии форсӣ: бедилгароӣ, пайравӣ ва татаббуъ, адабиёти зуллисонайн, идома ва рушди суннатҳои эҷоди анвои адабии шеъри тоҷикӣ, муҳимтарин мавзуоти шеъри замон ва монанди инҳо ҳаллу фасл шудаанд.

Натиҷаҳои пажуҳиш дар роҳи омӯзиши адабиёти тоҷики ҳавзаи адабии Хуҷанд муҳим буда, онро ҳамчун маводи дарсӣ дар раванди тадриси адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ, барои таҳияи мавод дар омӯзиши масъалаҳои адабиётшиносӣ: таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, поэтикаи жанрҳо, барои таҳияи девон ва ё ашъори мунтахаби шоирони мавриди назар, барои таълифи корҳои илмӣ ва ғайра метавон истифода бурд.

**Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд**, ки боби нахуст мавсум ба «Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX» дар хусуси ҳаёти адабии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии омӯзиши он, мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирон, рушди адабиёти дузабона ва мақоми бонувони суханвар дар инкишофи адабиёти давр баҳс мекунад. Муаллиф дар ҷараёни пажуҳиш аз сарчашмаҳои муътамад – баёзҳову девонҳо, тазкираву феҳристҳо ва луғатномаву рисолаҳо истифода намуда, дар хусуси чанд шоири аз назар дурмондаи тазкиранигорони марбут ба шуарои Хуҷанд ва чанд чеҳраҳои ҳанӯз муаррифинашуда маълумот додааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Таҳаввули жанрҳои адабӣ**» ном дошта, дар фаслҳои ин боб муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки шакл, намуд ва ҷойгоҳи анвои адабиро дар ашъори шоирони мавриди таҳқиқаш дар доираи се фасл баррасӣ намояд. Дар собитсозии чигунагии таҳаввули жанрҳои хурду бузурги ғиноӣ муҳаққиқ ба таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ такя намуда, афкорашро бо овардани намунаҳои шеърӣ тасдиқ намудааст.

Бо сабаби он ки чун дигар давраҳои инкишофи адабиёти форсу тоҷик ғазал аз маъмултарин жанр ба ҳисоб мерафт, масоили марбут ба таҳаввули он,

чун ҳаҷм, баҳрҳои маъмул, ҷойгоҳи қофия ва радиф дар он, ғазали мусалсал, ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, баъдан вежагиҳои анвои дигари шеърӣ, чун рубой, қитъа, мустазод, фард, қасида, мухаммас, мусаддас, тарҷеъбанд, маснавӣ, осори насрӣ дар мисоли «Ғароиби сипоҳ» ва монанди ин ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд»** ба масъалаҳои таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ, заминаҳои зуҳури падидаҳои шеъри нав ва вежагиҳои ҳунариву шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ бахшида шуда, пайравӣ, татаббуъ, тазмин, шеваи сабк, тарзи баён ва маъниофаринии шуарои Хуҷанд дар давраи таҳқиқ бо овардани мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар ин боб омилҳои пайдоиши шеъри нав дастабандӣ шуда, корбурди саноеи бадеӣ, амсоли талмеҳу таҷнис, тазоду ташхис, маҷоз, сифатчинӣ, муроот-ун-назир, ташбеҳу истиора, муболиғаву муаммо ва монанди ин бо зикри далелҳо исбот шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаи тазаккурёфта муаллиф аз дастовардҳо ва методҳои пешгирифтаи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, амсоли Э.Браун, Е.Бертелс, А.Г.Маонӣ, С.Нақавӣ, А.Зарринкӯб, А.Мирзоев, И.Брагинский, Р.Ҳодизода, А.Абдуллоев, Н.Маъсумӣ, С.Саъдиев, С.Воҳидов, С.Амирқулов, У.Каримов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А.Насриддин, Н.Салимӣ, М.Хоҷаева, Н.Нуров ва дигарон ба сифати муттако истифода намудааст.

Пажуҳиш дар заминаи маҷмуаҳои ашъори Шӯхӣ, Кошиф, Нозил, Фахрӣ, Тоҷир, Иффат Фавзӣ, Файёз, Тошхоҷа Асирӣ, баёзҳову нусхаҳои хаттии девони шуаро сурат гирифтааст.

**Натиҷаи таҳқиқ**ро ҳамчун маводи дарсӣ дар раванди тадриси адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX барои донишҷӯёни риштаи филологӣ, барои таҳияи мавод дар омӯзиши масъалаҳои адабиётшиносӣ: таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, поэтикаи жанрҳо, барои таҳияи девон ва ё ашъори мунтахаби шоирони мавриди назар, таълифи корҳои илмӣ ва ғайра метавон истифода бурд.

**Саҳми бевоситаи муҳаққиқ** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи поэтикаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, идомаи анъанаҳои шеъри классикии форсӣ – бедилгароӣ, назирагӯйӣ, иҷтимоъгароӣ, дарёфти падидаҳои шеъри нав ва баррасии ҷараёни адабиёти дузабонаро ба таври умумӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, чанд шоири дар тазкираҳои Э.Шодиев ва А.Насриддин зикрнаёфтаро маълум намуда, се суханвари дигар – Ғозии Хуҷандӣ, Қутбинисо ва Муҳаммад ибни Султон Маъсуми Хуҷандиро, ки зикрашон дар ягон сарчашмаи мавриди таҳқиқ наомадааст, ҳамчун шоирони омӯхтанашуда муаррифӣ кардааст.

Муайян кардани сохтор, бандубаст, ҷамъоварии мавод, муқоиса, шарҳу таҳлили матн, хулоса – таълифи диссертатсия ба довталаби дараҷаи илмӣ мансуб аст. Муаллифи диссертатсия дар заминаи нуктаҳои мазкур 12 мақолаи илмиро ба табъ расонида, дар конференсияҳои сатҳҳои мухталиф суханронӣ кардааст.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» аз 22-юми феврали соли 2023-юм дар бораи ба Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна

додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатстионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 (1 нафар ба тариқи онлайнӣ) нафар иштирок доштанд, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
«**Тарафдор**» - «14 (1 нафар ба тариқи онлайнӣ) - нафар»,
«**Зид**» - «нест»,
«**Варақаи беэътибор**» - «нест».

**Раиси шурои диссертатсионӣ:**
**доктори илми филология,**
**профессор** **Ҳасанзода А.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ:**
**номзади илми филология,**
**дотсент** **Шарипова М.З.**

**22-юми феврали соли 2023-юм**